*«Маориф ва маданият»,*
*5 декабри 1964, с. 3.*

**Пирамарди барнодил**

Дар бораи Ғозӣ Аҳмадзода.

*Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад.*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*

Амак, ин калимаҳо нуқта - надоштаанд, инро чӣ хел хондан мумкин?...

Ин ҷумлаи арабӣ чи маънӣ дорад?..

Тарҷимаи тоҷикии ин ибораи туркӣ чӣ мешавад?

Амак, «Эъҷози Хусравӣ» лозим буд...

Бо чунин саволу хоҳишҳо ҳар рӯзу ҳар соат ба Ғозӣ Аҳмадзода муроҷиат мекунанд.

Оре, шӯъбаи китобҳои нодири китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ ҳамеша пуродам аст. Дар ин махзани кутуб доимо ҷавононро мебинед - ҷавонони донишҷӯ, ҳарис, ташнаи илмро... Онон варақҳои фарсудаи дастхатҳоро эҳтиёткорона варақ мезананд, ба фикр фурӯ мераванд, ба роҳи тайкардаи халқи азизу кишвари маҳбуб назар меандозанд, бо Абӯмуслиму Ширак, Рӯдакию Робия, Темурмалику Рустам, Фарҳоду Зебуннисо сӯҳбатҳо мекунанд. Чун ҷавонанд, дар тафсири чизе дармемонанд. Ва он гоҳ бе истиҳолаю дудилагӣ ба мушкилкушо бобо Ғозӣ муроҷиат мекунанд... Мудири шӯъба - пирамарди 77-сола Ғозӣ Аҳмадзода фавран ба дарди онҳо даво мешавад.

Оре, ӯ ҳафтоду ҳафтсола, вале ҳанӯз барнодил аст. Кор мекунад. Мехоҳад, ки ҳар чи бештар ба халқи азизаш нафъ расонад.

Чанд гоҳ ин мушкилкушо дар китобхона набуд. Ҳама ӯро мепурсиданд.

Баъдтар фаҳмидем, ки ӯ ба шикор рафта будааст. Шумо ҳайрон мешавед, ки чӣ навъ муйсафеди 77-сола ба шикор меравад? Оре, ӯ ба шикор рафтааст. Ба шикори китоб - китобҳои нодир.

- Амак, Шумо солхӯрдаед, ба ин хел «шикор» ҷавонон раванд, намешавад?

- Намешавад, писарам.

- Чаро?

- «Забони мурғонро мурғон донанд» - мегӯяд халқ. Ҳоло китобҳои қадимаи камёб танҳо дар дасти одамони куҳансол ҳаст. Бо куҳансол гапи одами куҳансол тезтар мепазад, писарам.

Ғозӣ Аҳмадов дар муддати меҳнати нӯҳсолааш тақрибан 15 бор ба шаҳру деҳоти дурдаст барои ҷамъ кардани китоб сафар кардааст. Ӯ қариб тамоми маҳаллаҳои Бухорою Самарқанд, Қӯқанду Тошкандро гоҳ савораю гоҳ пиёда гашта баромадааст.

На ҳамаи ҷустуҷӯю заҳматҳо барор мегиранд - мегӯяд муйсафед. - Боре дар Бухоро, дар як деҳаи дурдасте дараки одами китобдореро шунидам. Пурсида рафтам. Китобдориашро ба гардан нагирифт. Баъди бисёр бароварду фаровардҳо дари ҳуҷраеро кушод. Дар он ҳуҷра дар зери чангу ғубор тақрибан 2500 нусха китоб буд. Аз субҳ то соати 4 рӯз ҳамаи ҳамон китобҳоро дидам. Аз ҳамон қадар китоб 9-тоашро ҷудо кардам. Соҳиб онҳоро аз назар гузаронда, сетоашро манзур карду 6-тои дигарашро ба ҳеҷ ваҷҳ надод. Он се китоб: «Таҷрид-ул-матин»-и Хоҷа Насириддини Тӯсӣ, «Шарҳи як қасидаи «Қоонӣ»-и Шодмонӣ, «Девон»-и Носир Алӣ (таҳти рақамҳон 327, 329, 326) ҳоло дар китобхонаи мо буда, мунтазири муҳаққиқони худанд...

Соли 1962 ба водии Фарғона сафар кардам. Дар ин сафар 170 китоби нодир ба даст даровардам, ки аз онҳо 96-тоашон дастхатҳои хеле қиматбаҳо буданд ва ин хел китобҳо дар китобхонаи мо набуд.

Қариб ҳамаи ин асарҳо ба забони тоҷикӣ буда, ба таърих, ҷуғрофия, адабиёт ва дигар илмҳо бахшида шудаанд.

Ҳоло дар ганҷинаи китобҳои нодири китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ «Таърихи Фирӯзшоҳӣ» (дар 2 ҷилд), «Шарҳи таҷрид»-и Хоҷа Насириддини Тусӣ, «Куллиёт»-и Урфии Шерозӣ барин дастхатҳои ноёб мавҷуданд. Дар китобхона «Ашколи хутут» ном маҷмӯае ҳаст. Онро Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Хатлонӣ тартиб додааст. Дар ин китобча 62 хел хати арабӣ бо намунаҳояш оварда шудааст. Ин китоб умуман ягона мебошад.

Бобо Ғозӣ дар китобхона ягон лаҳза ҳам қарор намегирад. Гоҳ чизеро дар дафтар сабт менамояд, гоҳе чизеро ба толибилме маънидод мекунад, гоҳе дастхатеро варақ мезанад. Суолаш додем:

- Амак, чаро ин қадар ҷунбуҷӯл мекунед?..

- Ӯ табассум карду лаб накушод, балки ба лавҳае ишора кард. Он ҷо ин шоҳбайти Абулкосим Фирдавсӣ буд:

*«Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,*

*Зи омӯхтан як замон нағнавӣ».*

**М. РАҲИМ.**